# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Султонов Муҳамадато Исоевич дар мавзуи «“Садои мардум” – ҳамчун нашрияи парламентӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ. – Душанбе, 2025. – 177 с.**

Журналистикаи парламентӣ, метавон гуфт, ки дар баробари аввалин даъвати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон ба дунё омада, дар муҳити журналистӣ мавқеи устувор касб намуд. Тадриҷан дар рӯзномаю маҷаллаҳо мухбирони парламентӣ пайдо шуданд. Ба таърихи қариб 90-солаи парламенти Тоҷикистон назар афканем ва мавзуи парлумонии он солҳоро таҳлил намоем, ба хулосае меоем, ки бисёр муқаррарот, усулҳо, шаклу услубҳои журналистикаи парлумонӣ то имрӯз боқӣ мондаанд. Пайгирӣ кардани баёни андешаи вакилон, дарки паёми аслии суханронии онҳо, дар хотир гирифтан ва бе таҳрифу илованависӣ интиқол додани иттилоот то хонанда аз ҷумлаи муҳимтарин малакаҳои тахассусии журналисти парламентӣ маҳсуб меёбанд. Журналистикаи парламентӣ ба маънои мушаххас, яъне мустақим - журналистикаи худи парламент аст, яъне воситаҳои ахбори омма, ки муассиси он парламент мебошад (рӯзномаи «Садои мардум», маҷаллаи «Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барномаи телевизионии «Соати парлумонӣ» ва м.и.).

Диссертатсияи Султонов Муҳамадато Исоевич ба мавзуи тоза ва муҳим бахшида шудааст, ки нақши рӯзномаи парлумонии «Садои мардум»-ро дар фазои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иттилоотии давраи пас аз Истиқлоли давлатии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор додааст. Таърихи таъсис, рушд ва фаъолияти ин нашрия ва саҳми он дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва таҳкими арзишҳои демократӣ аҳамияти назаррас дошта, таҳқиқи он дар шароити кунунии ҷаҳонишавӣ ва дигаргуниҳои иттилоотӣ саривақтӣ ва зарурӣ мебошад. Дар ин асос метавон гуфт, ки таҳқиқи ин масъалаҳо **аҳаммияти махсуси илмӣ** дорад.

Диссертант мавзуъро хеле васеъ ва амиқ дар се самти муҳим таҳқиқ намудааст:

- Омилҳои таърихӣ ва иҷтимоии таъсиси нашрия;
- Вижагиҳои шакливу мундариҷавӣ ва тарроҳии ороишии рӯзнома;
- Нақши жанрҳои публитсистӣ дар инъикоси воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоӣ.

Дар чанд банди **шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ** пажуҳиши нукоте тарҳрезӣ шудааст, ки ба таҳқиқи

журналистикаи соҳавии Тоҷикистон, вижагиҳои сохториву мунтариҷавӣ ва жанрии матбуоти даврӣ иртибот мегирад. Аз ин ҷиҳат, мавзуи диссертатсияи тақризшаванда ба доираи мавзуъҳо ва масоили пажӯҳишии шиносномаи ихтисоси илмии **10.01.10 – Рӯзноманигорӣ** комилан **мувофиқат менамояд.**

Аз **навгониҳои илмии диссертатсия** метавон зикр кард:

- Бори нахуст омилҳои таъсис ва марҳилаҳои ташаккул ва таҳаввули нашрияи парлумонии «Садои мардум» мавриди таҳқиқи системавӣ қарор гирифтааст;
- Вижагиҳои мундариҷавӣ, шаклӣ ва тарроҳии графикии рӯзнома дар иртибот бо воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии замон таҳлил шудаанд;
- Муаллиф нақши рӯзнома дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва инъикоси воқеиятҳои сиёсиро ба таври муфассал арзёбӣ кардааст;
- Таносуб ва гуногунрангии жанрҳои хабарӣ ва таҳлилӣ дар фаъолияти рӯзнома таҳлил ва натиҷагирӣ шудааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он асоснок карда мешаванд, ки дар кори диссертатсионии мазкур аз дастовардҳои илмӣ ва осори назарии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ба ҳадди зарурӣ истифода гардида, маълумоту сарчашмаҳо асосан мушаххасанд. Ҳамчунин, ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳо ва теъдоди интишорот дар мавзуи диссертатсия ба талаботи мавҷуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мувофиқат менамоянд. Омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқию баррасии мавзуъ ва масъалаҳои дар бобу фаслҳои диссертатсия тарҳрезишуда ба муаллиф имкон додааст, **хулоса ва тавсияҳои** боэътимод бароварда, дурнамои мавзуъҳои таҳқиқии марбут ба нашрияи “Садои мардум”-ро ҳамчун нашрияи парламентӣ дуруст муайян намояд.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳо ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани паҳлуҳои гуногуни фаъолияти нашрияи парламентии “Садои мардум”, мазмуну муҳтаво, хусусиятҳои шаклию сохторӣ, арзёбии маҳорати рӯзноманигорон дар истифодаи қолабҳои жанрӣ ба унвонҷӯёну довталабони дараҷаҳои илмӣ ва магистрантону донишҷӯён ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Султонов Муҳамадато барои анҷом додани кори таҳқиқиаш дар назди худ мақсаду вазифаҳои мушаххас гузошта, **нуктаҳои асосии ба**

**ҳимоя пешниҳодшавандаро** дар 12 банд манзур намудааст. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодгардида муҳтавои фаслу бобҳороро инъикос карда, дар самти шинохту таҳқиқи нақши нашрияи парлумонии “Садои мардум” дар шаклгирӣ ва ташаккулу таҳаввули матбуоти касбӣ аҳаммияти махсуси илмӣ доранд.

Унвонҷӯ доир ба мавзуъ 6 мақола, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст, ки муҳтавои асосии диссертатсияро фаро мегиранд. Маводи интишоргардида арзиши баланди илмӣ дошта, аз қобилияту дарки пажуҳишии унвонҷӯ дарак медиҳанд.

Диссертатсияи Султонов Муҳамадато Исоевич аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, 3 боб, 7 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия таркиб ёфтааст. Дар фаслу бобҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқӣ, истинод бар маъхазҳо, муҳокимаю бардоштҳо ва хулосаҳо ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия ҳамаи зербахшҳои зарурӣ тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, Тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия таҳия ва манзур шудаанд.

**Боби якуми диссертатсия “Омилҳои пайдоиш ва ташаккули нашрияи «Садои мардум»”** ном дошта, яке аз бахшҳои муҳими тадқиқотро ташкил медиҳад. Дар ин боб муҳаққиқ кӯшиш намудааст, ки заминаҳои сиёсиву фарҳангии замони бозсозиро ҳамчун омили таъсиси нашрия таҳлил намояд ва равандҳои ташаккул ва таҳаввули рӯзномаи “Садои мардум”-ро пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатии Тоҷикистон шарҳ диҳад.

Дар зербобҳои **«Вазъи сиёсиву фарҳангии замони бозсозӣ ҳамчун омили таъсиси нашрия»** ва **«Марҳилаҳои ташаккул ва таҳаввули рӯзномаи “Садои мардум” (пас аз Истиқлоли давлатии Тоҷикистон)»** муаллиф масъалаҳоро бо риояи мантиқ, пайдарпайӣ ва иртибот бо замон муҳокима намуда, равандҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии марбут ба таъсис ва рушди рӯзномаро таҳлил кардааст.

Ҷолиб он аст, ки таҳқиқ дар ин боб бо истифода аз манбаъҳои гуногун ва назариёти замонавӣ сурат гирифта, муҳимтарин омилҳои таъсиррасон дар таъсис ва такомули рӯзнома мушаххас гардидаанд. Мавод ва далелҳои пешниҳодшуда муътамад буда, ҳувияти нашрия ва

нақши он дар тарғибу ташаккули афкори ҷамъиятӣ дар солҳои гуногун равшан нишон дода шудааст.

Боби мазкур ба талаботи илмӣ ҷавобгӯ буда, аз ҷиҳати таҳлил, услуб ва тартиб низ бо меъёрҳои корҳои илмии муосир мутобиқат мекунад. Ҳамзамон, метавон пешниҳод намуд, ки дар идомаи тадқиқот диққати бештар ба нақши "Садои мардум" дар ташаккули муҳити демократӣ ва гуногунандешӣ дар давраи аввали Истиқлоли давлатӣ равона карда шавад.

**Боби дуюми кори диссертатсионӣ** ба таҳқиқи **"Вижагиҳои шаклию мундариҷавии нашрия"** бахшида шудааст. Таҳлили сохтор ва мазмуни матнҳо дар рӯзнома нишон медиҳад, ки "Садои мардум" на танҳо иттилоърасон, балки ҳамчун як минбари муҳим барои ифодаи афкори ҷамъиятӣ ва инъикоси раванди ислоҳоти сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар баромад кардааст. Ба мушоҳидаи диссертант, "таҷрибаи рӯзномаи парлумонии «Садои мардум» аз бисёр ҷиҳат қобили мулоҳиза буда, он дар тули фаъолияти беш аз сисолааш танҳо ба ороиши моҳиятнок ва суварӣ пойбанд будааст, ки ин тамоюли ҳунарӣ, пеш аз ҳама, муҳтавои таъсиргузор ва равоншиносона дошта, хусусияти ҳирфаии сохтори ороишӣ ва дизайниии ин нашрияро дар таносуби комил бо мундариҷаи он муайян ва мушаххас менамояд. Дар ҳамаи марҳалаҳои фаъолият рӯзнома ба ороиши моҳиятнок ва суварӣ пойбанд буда, ин тамоюли ҳунарӣ, пеш аз ҳама, дар ташаккул ва таҳаввули сохтори мундариҷавию шаклии нашрия таъсиргузор будааст".

Бо вуҷуди ҷанбаҳои мусбат, метавон зикр кард, ки таҳлили баъзе ҷанбаҳои қиёсӣ (масалан, муқоисаи динамикаи ороишу саҳҳофӣ бо дигар нашрияҳои ҳамзамон) ва ё баён намудани хусусиятҳои хоси услубии солҳои мухталифи фаъолияти рӯзнома метавонист таҳқиқотро боз ҳам пурратар ва фарогиртар гардонад.

Ҳамзамон, зарур аст таъкид шавад, ки муаллиф бо равиши илмӣ ва таҳлилӣ тавонистааст хулосаҳои саҳеҳ ва асоснок ба даст оварад, ки онҳо метавонанд барои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи рӯзноманигории ватанӣ заминаи боэътимод фароҳам созанд.

**Боби сеюми диссертатсия** таҳти унвони **«Таносуби жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи "Садои мардум"»** ҷанбаҳои муҳими сохтори дохилии нашрияро фаро гирифта, нақши жанрҳои гуногунро дар инъикоси воқеиятҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа мавриди таҳлили амиқ қарор медиҳад.

Муаллиф дар зербобҳои **«Воқеиятҳои муҳимми рӯз ва инъикоси онҳо дар қолаби жанрҳои хабарӣ», «Мавқеи жанрҳои таҳлилӣ дар баррасии масъалаҳои сиёсиву иҷтимоӣ»** ва **«Муаррифии корномаи шахс дар жанрҳои лавҳаву очерк»** равшан нишон додааст, ки рӯзномаи “Садои мардум” бо таваҷҷуҳ ба эҳтиёҷоти хонанда ва рӯйдодҳои муҳими замон, жанрҳои публитсистиро мутобиқ ба талаботи рӯз инкишоф додааст.

Таҳлили муаллиф дар бораи жанрҳои хабарӣ нишон медиҳад, ки хабар ҳамчун унсури асосии иттилоърасонӣ дар рӯзнома мавқеи хос дорад ва воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоии муҳими рӯз бо дақиқӣ ва саҳеҳият дар ин қолаб инъикос ёфтаанд. Дар бахши жанрҳои таҳлилӣ бошад, муҳаққиқ нақши мақолаҳо ва таҳлилҳои амиқро дар шаклдиҳии афкори ҷамъиятӣ ва арзёбии сиёсати давлатӣ возеҳ баён намудааст.

Қисмати **«Муаррифии корномаи шахс дар жанрҳои лавҳаву очерк»** хусусияти вижаи бобро ташкил дода, нишон медиҳад, ки “Садои мардум” бо истифода аз ин жанрҳо на танҳо дастовардҳои шахсиятҳои маъруфи иҷтимоӣ ва сиёсиро муаррифӣ менамояд, балки дар ташаккули арзишҳои миллию иҷтимоӣ нақши фаъол мебозад.

Таҳлили мисолҳои мушаххас ва истинод ба маводи аслӣ кори муаллифро ҷолиб ва боварибахш мегардонад. Бо вуҷуди ин, таҳлили таносуби истифодаи жанрҳо дар марҳилаҳои мухталифи фаъолияти рӯзнома (масалан, муқоисаи давраҳои аввали истиқлол ва давраҳои баъдӣ) метавонист таҳқиқро боз ҳам мукаммалтар созад.

**Хулосаи диссертатсияи** Султонов Муҳамадато Исоевич фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 20 банд фароҳам омадаанд ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст. Хулосаҳо дар заминаи баррасии мавзуи меҳварӣ ва муҳтавои фаслу бобҳои диссертатсия ба вуҷуд омадаанд.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю хулосаҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар диссертатсияи тақризшаванда баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ ба мушоҳида мерасанд:

1. Дар таҳлили фаъолияти рӯзнома муқоиса бо нашрияҳои парлумонии дигар кишварҳо вуҷуд надорад, ки метавонист таҳқиқро фарогиртар созад.

2. Давраҳои баъдии рушди рӯзнома, махсусан фаъолияти он дар солҳои охир, камтар инъикос ёфтааст.

3. Дар таҳлили тарроҳӣ ва ороиш, ба хусусияти визуалии муосир камтар таваҷҷуҳ шудааст.

4. Баъзе мавридҳо таҳлилҳои услубиву жанрии мақолаҳо ниёз ба амиқтар гардондани таҳлил доранд.

Аммо ин камбудиҳо хислати умумӣ надоранд ва таъсири ҷиддӣ ба натиҷаҳои илмии таҳқиқ намерасонанд. Аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доштани рисола дар он зоҳир мешавад, ки натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, курсҳои тахассусии рӯзноманигорӣ ва таърихи матбуот истифода гарданд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки диссертант оид ба мавзуи таҳқиқӣ нашр намудааст, муҳтавои диссертатсияро фаро гирифтаанд. Воқеан, мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқат мекунад. Ҳамчунин, коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯст.

Хулоса, диссертатсияи Султонов Муҳамадато Исоевич дар мавзуи дар мавзуи «“Садои мардум” – ҳамчун нашрияи парламентӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
сармуҳаррири рӯзномаи “Хатлон” Маъмурзода Н.М.
«01» майи соли 2025

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Бохтар, кӯчаи Логинов, бинои 12
Тел.: (+992) 918-69-64-66
E-mail: nosirjon@mail.ru

Имзои Маъмурзода Носирҷони Маъмурро тасдиқ мекунам:
Нозири кадрҳои
идораи рӯзномаи “Хатлон” Худойдодзода З.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Бохтар, кӯч. Логинов, 12.
Телефон: (+992-3222) 2-50-34.
Сомонаи расмӣ: www.khatlon-ruznoma.tj
«01» майи соли 2025.